**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ. – Душанбе, 2025. – 384 с.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Мавзуи диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад ва мубрамияти он пеш аз ҳама бо хусусиятҳои хоси рушди давлатдорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ иртибот дорад. Пас аз соли 1991 ва пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ давлатҳои минтақа вориди марҳилаи нави сиёсӣ гардиданд, ки ташаккули низомҳои муосири конститутсионӣ, ислоҳоти институтсионалӣ ва ҷустуҷӯи моделҳои идоракунии давлатиро тақозо мекунад. Дар ин ҷараён ниҳоди сарвари давлат ҳамчун ниҳоди марказӣ ва муайянкунандаи низоми ҳокимияти сиёсӣ зуҳур намуд ва он дар таъмини субот, устувории сиёсӣ ва ташаккули қонуният нақши асосиро ба уҳда гирифт. Омӯзиши вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар чунин шароит имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои моделҳои президентӣ равшан гарданд, роҳҳои мутобиқшавии онҳо ба шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як кишвари минтақа муайян шаванд.

Илова бар ин, мубрамияти мавзуъ бо нақши махсуси ниҳоди сарвари давлат дар низоми сиёсӣ иртибот дорад. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ сарвари давлат, дар баробари роҳбарии ҳокимияти иҷроия, аксар вақт ба ҳайси кафили суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва субъекти асосии қабули санадҳои стратегӣ амал мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи вазъи ҳуқуқӣ, ваколат ва функсияҳои сарвари давлат на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ аҳаммияти хос дорад, балки барои арзёбии таъсири он ба суботи давлатдорӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва риояи меъёрҳои демократӣ низ зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, мавзуи таҳқиқ на танҳо барои таҳкими заминаҳои назариявии илми ҳуқуқи конститутсионӣ, балки барои такмили

қонунгузории миллӣ, беҳсозии низоми интихоботи сарвари давлат, таҳкими давлати ҳуқуқбунёд ва рушди ҳамгироии ҳуқуқии кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертатсия дорои дараҷаи баланди навгониҳои илмӣ мебошад, ки арзиши назариявӣ ва амалӣ доранд ва ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат менамоянд. Муаллиф дар рисола консепсияи нави таҳқиқи низомноки ниҳоди сарвари давлатро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ пешниҳод намудааст. Бори аввал минтақа ҳамчун объекти мустақили таҳлил бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои миллию ҳуқуқии давлатҳои он мавриди омӯзиши муфассал қарор гирифтааст. Ин равиш имкон додааст, ки на танҳо умумиятҳои таърихӣ ва сиёсӣ, балки фарқиятҳои сохторӣ ва институтсионалии ниҳоди сарвари давлат низ ошкор ва илман асоснок шаванд.

Аз ҷумла, муаллиф марҳилаҳои ташаккули ниҳоди сарвари давлатро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври низомнок муайян ва асоснок намудааст. Ин марҳилаҳо давраҳои тошуравӣ, шуравӣ ва пасошуравиро фаро гирифта, бо нишон додани омилҳои асосии ҳуқуқию сиёсӣ ва таъсири онҳо ба ташаккули ниҳоди президентӣ таҳлил шудаанд. Дар баробари ин, муаллиф ба таҳияи таснифи нави ваколатҳои сарвари давлат мусоидат карда, онҳоро вобаста ба соҳаҳои фаъолияти давлатӣ, манбаъҳои танзими ҳуқуқӣ ва тартиби амалӣ намудани онҳо гурӯҳбандӣ намудааст, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ як навигарии назаррас маҳсуб меёбад.

Навгониҳои муҳимми дигар ба таҳлили ҳуқуқӣ ва табиати санадҳои сарвари давлат марбутанд. Муаллиф бо омӯзиши мустақили паёмҳо, фармонҳо, амрҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ ва инфиродии сарвари давлат зарурати низомбандии онҳоро собит намудааст. Илова бар ин, тавсияҳо оид ба иерархиякунонии онҳо дар низоми қонунгузории миллӣ пешниҳод шудаанд, ки метавонанд барои такмили низоми ҳуқуқӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти амалӣ дошта бошанд.

Ҳамчунин, саҳми назарраси илмии муаллиф дар таҳияи назарияи иштироки сарвари давлат дар раванди қонунгузорӣ ифода ёфтааст. Муаллиф табиати ҳуқуқии паёмҳои президент, мувозинати ташаббусҳои

ҳуқуқэҷодкунӣ ва нақши сарвари давлатро дар низоми боздорӣ ва мувозинати ҳокимият бо диди нав арзёбӣ намудааст.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои дараҷаи баланди навгонӣ буда, имкон медиҳанд, ки дарки илмии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ амиқтар гардад ва заминаҳои назариявӣ ва амалӣ барои ислоҳоти конститутсионӣ ва такмили низоми давлатдорӣ фароҳам оянд.

**4. Асоснокӣ ва ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия дорои дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокӣ мебошанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф бо такя ба заминаи васеи назариявӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ таҳия шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ истифодаи маҷмӯи усулҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, расмию ҳуқуқӣ ва таҳлили низомӣ-сохторӣ имкон додааст, ки масъалаҳои мавриди омӯзиш аз дидгоҳҳои гуногун таҳлил шаванд ва натиҷаҳои боэътимод пешниҳод гарданд.

Муаллиф барои асоснокии хулосаҳо аз манбаъҳои муътамади илмӣ, аз ҷумла осори донишмандони ватаниву хориҷӣ, ҳамчунин заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда – конститутсияҳо, қонунгузории амалкунандаи кишварҳои минтақа, қарорҳои судҳои конститутсионӣ ва санадҳои меъёрии байналмилалӣ истифода намудааст. Бо такя ба ин манбаъҳо, ҳар як тавсия дорои асоси назариявӣ ва ҳуқуқӣ буда, аз ҷиҳати амалӣ низ қобили татбиқ мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳо ҳамчунин бо истифодаи таҷрибаи воқеии давлатҳои Осиёи Марказӣ таъмин гардидааст. Муаллиф таҳлилҳои худро бо мисолҳои мушаххас ва маълумоти ҳуқуқӣ-сиёсӣ собит намуда, хулосаҳои илмиро бо воқеияти низомҳои конститутсионӣ иртибот додааст. Ин равиш имконият додааст, ки тавсияҳо хислати воқеан амалиро соҳиб шаванд ва барои қонунэҷодкунӣ ва такмили низоми конститутсионӣ истифода гарданд..

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи нашрияҳои муаллиф иборат буда, ҳаҷмаш 384 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои

илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври возеҳ муайян гардидаанд.

Боби якум **«Заминаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи ниҳоди сарвари давлат»** ба таҳлили мафҳум, навъҳо ва хусусиятҳои ин ниҳод бахшида шуда, марҳилаҳоқ ташаккули таърихӣ ва ҳуқуқии он дар давлатҳои хориҷӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин боб ҳамчунин тамоюлҳои муосири рушди ниҳоди сарвари давлат нишон дода шудаанд.

Дар боби мазкур рисолнанавис қайд менамояд, ки ниҳоди сарвари давлат яке аз унсури марказии конститутсионии ҳар як давлати соҳибихтиёр ба шумор рафта, дар низоми ҳокимияти давлатӣ мақоми калидӣ дорад. Омӯзиши он ҷузъи ҷудонашавандаи таҳлили ҳамаҷонибаи низоми идоракунии давлатӣ мебошад, зеро маҳз дар хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ, ваколат, тартиби интихоб ва ҳамкории сарвари давлат бо дигар шохаҳои ҳокимият хусусиятҳои низоми сиёсӣ, сатҳи рушди институтсионалӣ, хусусиятҳои давлатдорӣ, инчунин хосиятҳои фарҳанги сиёсӣ ва тафаккури миллӣ инъикос меёбанд (С. 50-51).

Боби дуввум **«Хусусияти умумии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат»** ба мафҳум, унсурҳо ва ҷойгоҳи сарвари давлат дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои минтақа бахшида шудааст.

Рисоланавис дар боби дуввум ҷойи президентро дар низоми мақомоти давлатӣ вобаста ба омилҳои зерин муайян кардааст:

1. Тартиби интихоб ва қатъи ваколати Президент ва дараҷаи иштироки парлумон ва мақомоти судӣ дар ин раванд;

2. Ҳамкории Президент ва парлумон дар ҳалли масъалаҳои кадрӣ;

3. Имконияти таъсиррасонӣ ба фаъолияти дигар шохаҳои ҳокимият дар асоси низоми мувозинат ва боздорӣ (С. 156).

Қайд мегардад, ки нақш ва мақоми сарвари давлат дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ду модели тақсимоти ҳокимият – «қатъӣ» (Тоҷикистон, Туркманистон ва Қирғизистон) ва «омехта» (Қазоқистон ва Узбекистон) интихоб гардиданд. Низоми мувозинат ва боздорӣ дар кишварҳои минтақа дар се унсур зоҳир мешавад: иштирок дар ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳалли масъалаҳои кадрӣ ва таъсир ба фаъолияти дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ.

Боби сеюм **«Тартиби баргузории интихоботи сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»** ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ бахшида

шуда, асосҳои конститутсионии интихобот, мақоми номзадҳо ва тартиби ташкиливу ҳуқуқии баргузории интихобот мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст.

Дар ин қисмати рисола муаллиф зикр менамояд, ки қонунгузории интихоботии кишварҳои Осиёи Марказӣ босуръат рушдёбанда буда, дар тули зиёда аз сӣ соли охир якчанд маротиба ба дигаргуниву тағйирот дучор шудааст.

Аз ҷониби рисоланавис меъёрҳои интихоботӣ, ки тартиби интихоби сарвари давлатро танзим мекунанд, дар доираи васеи санадҳои меъёрии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил шудаанд, ки аз рӯйи иерархия онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

– танзими конститутсионӣ;

– танзим дар санадҳои байналмилалӣ;

– танзими соҳавӣ дар қонунҳо;

– танзими соҳавӣ дар санадҳои зерқонунӣ.

Боби чорум **«Мафҳум ва хусусиятҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии функсия ва ваколати сарвари давлат»** дорои аҳаммияти назариявӣ буда, функсияҳои асосӣ ва таснифи ваколатҳои сарвари давлатро бо истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ менамояд.

Дар боби мазкур муаллифи рисола қайд менамояд, ки муайян намудани ваколатҳои Президент яке аз масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии ӯ мебошад. Маҳз доираи ваколатҳо аксар вақт нақш ва ҷойи Президентро дар низоми мақомоти давлатӣ муайян мекунад.

Бо таҳлили салоҳияти президентҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ рисоланавис ба хулосае меояд, ки дар бисёр мавридҳо воқеан ҳам муттаҳидшавии ҳуқуқу уҳдадориҳои президент мушоҳида мешавад, аммо на ҳамеша. Баъзе ваколатҳои сарвари давлат танҳо ҳуқуқҳо (ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ҳуқуқи вето), баъзеи дигар уҳдадориҳо мебошанд (дар ҳудуди давлат ё дар маҳалҳои алоҳида ҷорӣ намудани вазъияти фавкулодда ё вазъияти ҳарбӣ). Дар баробари ин дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки «салоҳият ҷузъи муайянкунандаи мақоми конститутсионӣ ва ҳуқуқии сарвари давлат мебошад. Азбаски функсияи сарвари давлат дар Конститутсия ва қонунҳо на ҳама вақт бевосита инъикос ёфтаанд, баъзеи онҳо танҳо дар ваколатҳои мушаххас ба таври меъёрӣ тақвият ёфтаанд. Аз ин рӯ, ваколатҳои сарвари давлат, ки ҷузъи асосии салоҳият мебошанд, бояд танҳо дар меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо ифода карда шаванд» (С. 254-255).

Боби панҷум «**Табиати ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва мақоми санадҳои сарвари давлат дар низоми қонунгузории кишварҳои Осиёи Марказӣ**» ба омӯзиши паёмҳо, фармонҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат равона гардида, табиати ҳуқуқии онҳо ва иштирокии сарвари давлат дар раванди қонунгузорӣ таҳлил шудааст.

Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки дар доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қонунгузории давлати мушаххасро ташкил медиҳанд, санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар солҳои охир нақши торафт намоёнро мебозанд. Ин ба он вобаста аст, ки маҳз бо қабули санадҳои худ сарвари давлат дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ вазифаҳо ва ваколатҳои гуногуни худро амалӣ менамояд (С.268).

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Хулоса аз 22 банд иборат буда, ҳар як банд дар худ натиҷаи мустақими таҳқиқро инъикос мекунад.

Ҳамин тавр, сохтори диссертатсия мантиқӣ, муназзам ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад, ки ин далели сатҳи баланди иҷрои кори илмӣ ва иҷрои пурраи вазифаҳои гузошташуда мебошад.

6. **Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия дорои аҳаммияти назаррас буда, дар чанд самт арзёбии мусбат пайдо мекунанд.

Аз ҷиҳати илмӣ, таҳқиқ ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат намуда, дар соҳаи омӯзиши мақоми сарвари давлат дар низоми таҷзияи ҳокимият саҳми назаррас мегузорад. Консепсияҳои нави муаллиф, аз ҷумла марҳилабандии ташаккули ниҳоди сарвари давлат, таснифи функсияҳо ва ваколатҳо, таҳлили ҳуқуқии санадҳои президентӣ ва арзёбии иштироки сарвари давлат дар қонунэҷодкунӣ, доираи илмии ҳуқуқи конститутсиониро густариш дода, барои таҳқиқоти минбаъда заминаи назариявӣ фароҳам меорад.

Аз ҷиҳати амалӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, махсусан ҳангоми такмили қонунгузории конститутсионӣ, ислоҳоти низоми интихоботӣ, ташаккули механизмҳои мувозинати ҳокимият ва беҳсозии фаъолияти ниҳодҳои олии ҳокимият истифода шаванд. Ин тавсияҳо ба фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва идоракунии давлатӣ хислати амалии баланд мебахшанд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, натиҷаҳои таҳқиқ бо таъсир расонидан ба такмили низоми идоракунии давлатӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ мусоидат мекунанд. Мукаммал шудани

низоми конститутсионӣ ва идоракунии қонунӣ ба истифодаи оқилонаи захираҳои давлатӣ, коҳиши хароҷоти маъмурӣ ва баланд бардоштани дараҷаи шаффофият дар идоракунӣ замина мегузорад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқ барои таҳкими асосҳои давлатдории ҳуқуқбунёд ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти хоса дорад. Баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ба ниҳодҳои давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва таҳкими меъёрҳои демократӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳими иҷтимоии натиҷаҳои бадастомада мебошанд.

7. **Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Муаллиф 48 маводро вобаста ба мавзуи диссертатсия интишор кардааст, ки аз он ҷумла 3 монография ва 45 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ тасдиқи илмӣ ёфтаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Мутбиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсия аз рӯйи шакл ва муҳтаво ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Истинодҳо, рӯйхати адабиёт ва нашрияҳо бо риояи меъёрҳои илмӣ тартиб дода шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаби илмӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо метавон инҳоро номбар кард:

1. Зикр намудан бамаврид аст, ки дар зербоби 1.2-и боби аввали диссертатсия таҳлили ниҳоди сарвари давлат аз баррасии вазъи ҳуқуқии Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оғоз меёбад. Бо вуҷуди

аҳаммияти таҷрибаи амрикоӣ дар ташаккули шаклҳои муосири ҳокимияти давлатӣ, чунин усули таҳқиқ аз назари методологӣ маҳдуд арзёбӣ мегардад, зеро он заминаҳои таърихӣ ва генезиси ташаккулёбии ин ниҳодро ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ сарфи назар менамояд.

Бо мақсади таъмини ҳамаҷонибагии таҳқиқ ва амиқ сохтани асосҳои илмии он, мувофиқ мебуд, ки таҳлили ниҳоди муосири сарвари давлат бо баррасии марҳилаҳои таҳаввулоти ташаккули ҳокимияти олӣ оғоз гардад. Аз ҷумла, зарур буд, ки ба шаклҳои монархӣ ва теократии идоракунии давлатӣ дар Шарқи Қадим, моделҳои ҳокимият дар шаҳр-давлатҳои Юнони қадим, падидаи консулҳо ва принсипати Рими қадим, инчунин назарияҳои марбут ба ҳокимияти олии давлатӣ дар шароити монархияи феодалӣ таваҷҷуҳи дахлдор зоҳир карда шавад.

Татбиқи таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ имкон медод, ки раванди табдилёбии тасаввурот оид ба табиат ва вазифаҳои ҳокимияти олии давлатӣ аз симои муқаддасшудаи ҳокими меросӣ то ниҳоди интихобшавандаи президент, ки дар асоси расмиёти демократӣ қонунӣ мегардад, пайгирӣ карда шавад. Шомил намудани чунин заминаи таърихӣ ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ба равшан сохтани қонуниятҳои умумии инкишофи институтсионалӣ ва муайян намудани хусусиятҳои хоси шаклҳои гуногуни сарвари давлат мусоидат менамуд.

Дар ин замина, тавсеаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ дар зербоби мавриди назар имконият фароҳам меовард, ки асоснокии илмӣ ва тамомияти консептуалии таҳқиқ боло бурда шавад, инчунин барои дарки амиқтари назариявии ниҳоди сарвари давлат ҳамчун унсури муҳимми низоми ҳокимияти давлатӣ дар низоми ҳуқуқӣ ва сиёсӣ замина фароҳам гардад.

2. Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми таҳқиқи илмии низоми давлатдорӣ ин дар бар гирифтани мероси назариявии мутафаккирони барҷастаи ҷаҳонӣ дар ин самт мебошад. Бо вуҷуди аҳаммияти хос доштани ин масъала, дар матни диссертатсия таҳлили осори мутафаккирони машҳури Шарқу Ғарб, аз қабили Н.Макиавелли, А.Гамилтон, Низомулмулк ва И.Ғаззолӣ, ба мушоҳида намерасад.

Чунин нодида гирифтани мероси назариявии классикӣ, ки дар ташаккули мафҳум, вазифа ва мақоми давлат нақши муҳим дорад, боиси маҳдуд гардидани доираи таҳлили илмӣ ва коста шудани заминаҳои назариявии таҳқиқ мегардад. Масалан, Макиавелли дар асари маъруфи худ «Шоҳ» (Il Principe) масъалаи моҳияти ҳокимият ва принсипҳои амалии нигоҳдории он дар давлатҳоро ба таври воқеъбинона баррасӣ намудааст.

Гамилтон А, ҳамчун яке аз муаллифони «Federalist Papers», назарияҳои муосири тақсими ҳокимият ва давлатдории конститутсиониро асосгузорӣ намудааст. Дар навбати худ, Низомулмулк дар «Сиёсатнома» усулҳои амалии идоракунии давлатӣ ва тартибу низоми сохтори давлатдориро дар чаҳорчӯби арзишҳои анъанавии шарқӣ баён намудааст. Имом Ғаззолӣ бошад, дар осори худ масъалаи адолат, вазифаҳои ҳоким ва муносибати ҳоким бо ҷомеаро бо такя ба арзишҳои ахлоқӣ ва динӣ шарҳ додааст.

Дар баррасии чунин мавод, на танҳо имкони васеъ кардани заминаи назариявии тадқиқот, балки пайгирии робитаи таърихии назарияҳои давлатдорӣ, дарёфти умумиятҳо ва ихтилофоти асосӣ дар паҳлӯҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии он низ вуҷуд дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, шомил намудани таҳлили муфассали осори мутафаккирони мазкур ба матни рисола, на танҳо ба ғанӣ гардонидани асоси назариявӣ мусоидат мекард, балки муҳтавои илмии таҳқиқотро низ ба таври чашмрас баланд мебардошт.

3. Зикр намудан ба маврид аст, ки дар таҳқиқоти мавриди назар муаллиф диққати асосиро ба таҳлили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ниҳоди сарвари давлат дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ равона намудааст. Гарчанде чунин маҳдудсозии доираи таҳқиқ бо назардошти умумияти таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишварҳои минтақа асоснок ба назар мерасад, аммо он имкони муқоисаи васеътарро бо таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои дигар манотиқи ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Аврупо, Амрико, Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқи Наздик маҳдуд менамояд.

Барои таҳкими заминаҳои илмии таҳқиқ ва амиқтар кардани натиҷагирии он, мувофиқ мебуд, ки таҳлили институтсионалии сарвари давлат дар таҳқиқот бо шомил намудани баррасии падидаҳои марбут ба ин ниҳод дар дигар низомҳои ҳуқуқӣ низ сурат мегирифт. Чунин равиш имконият медод, ки хусусиятҳои фарқкунанда ва умумияти меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми сарвари давлат дар доираи моделҳои гуногуни давлатдорӣ, аз ҷумла монархияҳои конститутсионӣ, ҷумҳурии президентӣ, ҷумҳурии парламентӣ ва низомҳои омехта равшан гардад.

Ин гуна таҳлил дар сатҳи муқоисавӣ бо кишварҳои дорои таҷрибаи муътадили демократӣ ва конститутсионализми пешрафта, ба монанди Олмон, Франсия, Британияи Кабир, ИМА, Ҳиндустон ва Туркия имкон медод, ки муаллиф ба хулосаҳои амиқтар ва муътамадтар дар бораи табиати ҳуқуқӣ, салоҳият ва нақши сиёсии сарвари давлат дар низоми ҳокимияти давлатӣ ноил гардад.

4. Дар фасли марбут ба мубрамияти мавзуъ, муаллиф ба масъалаи нақши ниҳоди президентсиализм дар раванди ташаккули низоми давлатдорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ишора менамояд. Ин ишора, бешубҳа, яке аз ҷанбаҳои муҳимми илмию амалии мавзуи тадқиқот ба ҳисоб меравад, зеро ниҳоди президентӣ дар аксари давлатҳои минтақа нақши меҳварӣ дар ташаккули низоми нави ҳокимият, гузариш аз низоми тоталитарӣ ба модели миллӣ-демократӣ ва таъмини устувории сиёсию ҳуқуқиро мебозад.

Бо вуҷуди ин, мушоҳида мешавад, ки ин масъала дар муҳтавои асосии рисола мавқеи мустақил пайдо накарда, ба таври муфассал ва амиқ таҳлил нашудааст. Дар ҳоле ки баррасии таҳаввулоти таърихӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсати конститутсионӣ дар самти таъсиси модели президентӣ, инчунин нақши он дар танзими мутақобилаи шохаҳои ҳокимият, таъмини суботи давлатдорӣ ва татбиқи ислоҳоти сохторӣ, метавонанд паҳлӯҳои муҳимми мавзуи таҳқиқотро ташкил намоянд.

Муфассал намудани ин ҷанба дар матни рисола, бахусус дар самтҳои марбут ба таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат, на танҳо ба баланд бардоштани дараҷаи илмӣ ва амиқсозии муҳтавои таҳқиқот мусоидат мекард, балки барои арзёбии саҳми ниҳоди президент дар шаклгирии модели миллии давлатдорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ заминаи устувори назариявӣ ва амалӣ фароҳам меовард.

Дар робита ба ин, тавсия дода мешавад, ки муаллиф ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, нақши президентсиализмро ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар равандҳои ташаккули давлатдории миллӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо такя ба таҳлили қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи амалӣ ба таври муфассал дар корҳои илмии минбаъда инъикос намояд.

5. Мавзуи иштироки сарони давлатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар раванди қонунгузорӣ яке аз самтҳои муҳим ва мубрами таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба ҳисоб меравад, ки арзиши назариявӣ ва амалӣ дорад. Бо назардошти он, ки дар аксари давлатҳои минтақа ниҳоди президентӣ дорои салоҳиятҳои васеи ташаббуси қонунгузорӣ ва таъсиррасонӣ ба фаъолияти қонунэҷодкунӣ дорад, таҳлили ин масъала зарурати ҷиддӣ ва муқоисавии амиқи илмиро тақозо мекунад.

Хусусан, таҳлили шаклҳо ва механизмҳои робитаи президент бо парлумон, аз қабили ташаббуси қонунгузорӣ, ҳуқуқи ветои қонунҳо, салоҳияти даъвати ҷаласаҳои ғайринавбатӣ, ирсоли паёмҳои солона,

пароканда кардани парлумон дар ҳолатҳои муқаррargardida, таъини интихобот ва ғайра бояд ба таври таҳлилӣ, бо муқоисаи низоми конститутсионӣ ва амалияи ҳуқуқии давлатҳои минтақа таҳқиқ гардад.

Иҷрои чунин таҳлили муқоисавӣ дар робита ба муносибатҳои байни шохаҳои ҳокимият, махсусан байни президент ва парлумон, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои сохтории модели ҳокимияти давлатӣ дар Осиёи Марказӣ, сатҳи тавозуни ҳокимиятҳо ва масъалаи ҳифзи демократия ва волояти қонун арзёбӣ гардад.

Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ ба таҳлили ҳамаҷонибаи шаклу мазмуни иштироки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар раванди қонунгузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд ва бо истифода аз усули муқоисавии ҳуқуқӣ, фарқиятҳо ва умумиятҳои онҳоро бо мақсади таҳкими хулосаҳои илмӣ ошкор намояд. Ин амал ба баланд бардоштани сатҳи назариявию амалии рисола ва мукаммал гардидани муҳтавои илмии он мусоидат хоҳад кард.

6. Бо вуҷуди ишора ба падидаи контрасигнатура дар таҳқиқот, зикр намудан бамаврид аст, ки таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи он дар матни рисола, бо такя ба мисолҳои мушаххаси ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои дорои низоми парламентӣ ва омехта сурат нагирифтааст. Ин масъала, ки ба механизми муҳимми таҷзияи ҳокимият рабт дорад, махсусан дар шароити баррасии салоҳият ва масъулияти сарвари давлат аҳаммияти назаррас пайдо мекунад.

Дар рисола, масъалаи мазкур на бо мисолҳои муқоисавӣ аз таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, аз қабили Фаронса, Олмон, Ҳиндустон ва Британияи Кабир, ва на бо амалияи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар онҳо механизми контрасигнатура амалан ё комилан мавҷуд нест, муқоиса ва таҳлил нашудааст. Дар ҳоле ки баррасии муқоисавии он имкон медод фарқиятҳо ва умумиятҳои моделҳои ҳокимияти давлатӣ, сатҳи масъулияти сиёсӣ ва ҳуқуқии вазирон, инчунин мақоми президент дар низоми давлатдорӣ равшан карда шаванд.

Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки муаллиф ҷиҳати такмили рисола, ба таҳлили амиқи ниҳоди контрасигнатура таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, онро дар заминаи таҷрибаи қонунгузории байналмилалӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ бо истифода аз усули таҳлили муқоисавӣ мавриди омӯзиши илмию назариявӣ қарор диҳад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намегардонад ва ба муҳтавои рисола таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ализода Зариф

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 80
Тел.: (+992) 985830062

Имзои Ализода З.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода М.

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 80
Тел.: (+992 37) 221-53-33

«12» ноябри 2025 сол